ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи сулҳу субот, тамомияти арзии кишвар зери таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти давлат қарор доранд. Маҳз ба шарофати таъмини амнияти миллӣ Тоҷикистон тавонист ба раванди таҳаввулоти бунёдӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ворид гардад.

Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар барқарорсозии сулҳу субот ва ҳифзи сарҳади давлатӣ муҳим арзёбӣ гардида, муҳайё сохтани шароити моддиву техникӣ ва иҷтимоиву маишӣ барои хизматчиёни он дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад.

Имрӯз инсоният дар марҳалаи ниҳоят ҳассосу хатарноке қарор дорад, ки таърихи муосир дар ёд надорад. Рақобатҳои шадиди геополитикӣ ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи ҷаҳониро мураккаб гардонидаанд.

Ҳамзамон бо ин, густариши бесобиқаи фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ имрӯзҳо низоми амнияти байналмилалиро ба таври ҷиддӣ халалдор кардааст.

Афзоиши қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ инсониятро дар рӯбарӯйи мушкилоти зиёд қарор додаанд.

Дар чунин шароити мураккаб ва хатарзо таъмин намудани бехатарии шахс, ҷомеа, давлат ва ҳифзи сохти конститутсионии мамлакат, ки манфиати ҳаётан муҳимми Тоҷикистон мебошад, вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти амнияти миллӣ ба шумор меравад.

Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун категорияи давлатию ҳуқуқӣ, ки ҳудуди тақсимоти соҳибихтиёрии давлатӣ ва қаламрави Тоҷикистонро муайян мекунад, инчунин тамомияти давлатиро пешакӣ муайян мекунад, дар ҳаёти давлат ва ҷомеа нақши муҳим мебозад. Дар айни замон зарурати такмили танзими ҳуқуқии идораи давлатӣ дар соҳаи амнияти давлатӣ хусусан идораи давлатӣ дар самти амнияти сарҳадии давлат ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарини он тавассути таҳияи стратегияи татбиқи сиёсати давлатӣ дар асоси равишҳои консептуалӣ зарур мебошад.

Дар марҳалаи кунунӣ амнияти сарҳад яке аз ҷузъҳои муҳим ва мубрами амнияти миллӣ ба шумор меравад. Ин ба рушди босуръати вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, мавҷудияти маконҳои ташаннуҷ ва бесуботӣ дар манотиқи наздимарзӣ марбут аст, ки бештари чолишҳо ва таҳдидҳои имрӯза зери таъсири онҳо ба вуҷуд меоянд. Дар айни замон

вазъ дар сарҳадҳои беруна мураккаб буда, назорати доимӣ ва вокуниши фаврӣ ба тағирёбии онро тақозо мекунад. Ин фаъолиятро дар замони истиқлолияти давлатӣ қушунҳои сарҳадӣ иҷро намуданд ва дурусту саривақтӣ иҷро намуда истодаанд.

Вобаста ба ин, мавзуи диссертатсионии Исроилов Исмоил Исроилович «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» яке аз бахшҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф дар раванди таҳияи рисола фаъолияти самараноки таҳқиқотӣ ва таҳлилиро ба анҷом расонидааст. Пеш аз ҳама муаллиф дар таҳқиқи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ аз маводҳои зиёди илмӣ, асарҳо ва сарчашмаҳои хусусияти ҳарбидошта оид ба мавзуи баррасишаванда истифода намудааст. Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти хусусияти сиёсидоштаи илмӣ дар самти ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ дар шароити Истиқлоли давлатии Тоҷикистон мебошад.

Чунонки муаллифи таҳқиқот дарҷ менамояд, дар масъалаи ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ нақши қушунҳои сарҳадӣ як муҳим ва ҳалкунанда мебошад. Он ба гурӯҳи навъи махсуси ҷузъу томҳои низомӣ шомил шуда, барои ҳимоя ва ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, якпорчагии ҳудуди кишвар, дастовардҳои истиқлол ва бехатарии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудааст. Доираи фаъолияти қӯшунҳои сарҳадӣ, вазифаҳо ва ҳайати онҳо ба хусусияти таҳдид ба давлат дар соҳаи сарҳадӣ, моддию техникии он мувофиқат мекунанд. Вобаста ба хусусияти вазифаҳое, ки дар сарҳад ҳал мешаванд, давлат сохторҳои сарҳадии ҳарбӣ, полис ё шаҳрвандӣ месозад.

Сиёсати ҳарбӣ хусусан ҳифзи сарҳад ҳамчун бахши таркибии сиёсати давлатӣ буда, дорои аҳамияти бузурги мудофиавӣ мебошад. Омӯзиши ҷанбаҳои сиёсии ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки ба ин соҳа ҳамчун бахши мудофиавӣ, таъминкунандаи сулҳу субот ва ҳифзи манфиатҳои миллии давлат таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Боби якуми рисола – «Асосоҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ» ном дошта, муаллиф аҳамияти сиёсӣ, назариявӣ ва методологии омӯзиши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, ҷанбаҳои сиёсии пайдоиши сарҳади давлатӣ, таҳлили консептуалии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Ҳолат ва мушкилоти ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир» ном дошта, диссертант ҳолат ва мушкилоти ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир, ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, нақши қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи амнияти

давлатиро таҳқиқ намудааст. Инчунин муаллиф дар таҳқиқот аҳамияти таъсирбахши ҳифзи сарҳади давлатӣ дар пешгирии хатару таҳдидҳои низомӣ ва таъмини амнияти марзу буми кишварро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Дар хулоса, натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсия ҷанбаҳои назариявии ҳифзи сарҳади давлатӣ ва асосҳои сиёсии он инъикос гардидааст. Дар баробари ин, муаллиф як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати мустаҳкам намудани сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст. Дар рӯйхати адабиёт, тамоми сарчашмаҳо ва маводи истифодашуда гурӯҳбандӣ шуда, номгӯйи пурраи онҳо дар диссертатсия оварда шудаанд.

Воқеан таҳқиқот мусбат арзёбӣ гардида, ба талаботҳое, ки барои таҳияи диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯ мубошад.

Диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамояд. Аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
мудири кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент П. Нуриддин

Имзои П. Нуриддинро тасдик мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ А. Мустафозода

04.03.2025

Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992 37) 224 89 52.
E-mail: panurama@mail.ru